ХУЛОСАИ

шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии № _____

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 07.11.2026, протоколи №61 барои сазовор донистани Ҳабибзода Шуҳрат Ҳабиб, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ

Диссертатсияи Ҳабибзода Шуҳрат Ҳабиб дар мавзуи «Методикаи ташаккули тафаккури инноватсионии донишҷӯён дар раванди таълими амсиласозии компютерии робитаҳои байнифаннӣ» аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) 5.3.10.3. – Назария ва технологияи таълими информатика дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-048-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (воқеъ дар суроғаи 735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.03.2026, таҳти №85/шд) 29- уми августи соли 2026 суратмаҷлиси №2 ба ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҳабибзода Шуҳрат Ҳабиб 20-уми майи соли 1973 дар шаҳри Кӯлоб таваллуд шудааст. Соли 1995 Донишгоҳи давлатии Бохтар (Қӯрғонтеппа) ба номи Носири Хусравро аз рӯи ихтисоси ихтисоси математка-информатика хатм кардааст.

Ҳабибзода Шуҳрат Ҳабиб аз соли 2020 унвонҷӯи кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав буда, айни ҳол дар вазифаи омӯзгори кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи донишгоҳи мазкур фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода гардидааст.

Роҳбари илмӣ: Файзализода Баҳрулло Файзалӣ - доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, Директори иҷроияи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе.

Муқарризони расмӣ: Азимова Назира Самадовна – доктори илмҳои педагогӣ, иҷрокунандаи вазифаи профессор, мудири кафедраи баҳисобгирӣ ва технологияи рақамии Донишкадаи байналмилалии Хуҷанди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва **Саидҷаҳфарзода Аҳлиддин Илёс** - номзади илмҳои педагогӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсент, декани факултети технологияи рақамӣ ва электронии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт.

Муассисаи тақриздиҳанда – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба ном Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Ҳабибзода Ш.Ҳ. бо имзои раиси ҷаласа н.и.тех., дотсент, мудири кафедраи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба ном Садриддин Айнӣ Неъматзода Ғ.Н., ташхисгар, д.и.п., дотсенти кафедраи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба ном Садриддин Айнӣ Муродзода Ш.С. ва котиби ҷаласа, муаллими калони кафедраи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба ном Садриддин Айнӣ Умедҷони Х.Ғ. омода гардида, бо имзои ректори донишгоҳ д.и.т., профессор Ибодуллозода А.И. аз 15-уми сентябри соли 2026 тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр

гардидааст. Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Ҳабибзода Шуҳрат Ҳабиб дар мавзуи «Методикаи ташаккули тафаккури инноватсионии донишҷӯён дар раванди таълими амсиласозии компютерии робитаҳои байнифаннӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) 5.3.10.3. – Назария ва технологияи таълими информатика сазовор мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ 23 адад интишороти илмӣ нашр намудааст, ки ҳамаи он оид ба мавзуи диссертатсия мебошанд. Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 мақола ба нашр расонидааст.

1. ***Тиллоев, Ш. Ҳ.*** Равобити байнифаннӣ чун методи омӯзиши амсиласозии математикӣ дар курси барномасозии Borland Delphi 7 [Матн] / Ш.Ҳ. Тиллоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2025. – № 1/3 (137). – С. 413-421. – ISSN: 2663-5534.

2. ***Тиллоев, Ш. Ҳ.*** Амали намудани равобити байнифаннӣ чун методи омӯзиши Case-технология ва барномасозӣ дар китобҳои дарсӣ [Матн] / Ш.Ҳ. Тиллоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2024. – № 1/1 (119). – С. 195-200. – ISSN: 2663-5534.

3. ***Тиллоев, Ш. Ҳ.*** Корбурди методи амсиласозии математикӣ дар таълими технологияи иттилоотӣ [Матн] / Ш.Ҳ. Тиллоев, Б.Ф. Файзализода, А.Ҳ. Саидов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2020. – № 1/2 (74). – С. 150-154. – ISSN: 2309-6764.

4. *Файзализода, Б. Ф.* Ҷанбаҳои дидактикии таълими курси назарияи ададҳо барои донишҷӯёни ихтисоси «математика» ва «информатика» [Матн] / Б.Ф. Файзализода, **Ш.Ҳ. Тиллоев**, А.Қ. Саидов // Номаи

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. – 2021. – №1 (66). – С.171-176. – ISSN: 2077-4990.

5. *Файзализода, Б. Ф.* Робитаи байнифаннӣ чун салоҳиятнокии калидӣ зимни омӯзиши амсиласозии математикӣ дар курси технологияи иттилоотӣ [Матн] / Б.Ф. Файзализода, **Ш.Ҳ. Тиллоев**, А.Қ. Саидов // Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. – 2020. – № 4. – С. 168-173. – ISSN: 2077-4990.

Ба унвонии шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати Ҳабибзода Шуҳрат Ҳабиб ворид шудаанд:

1. Собиров А.Ш. – д.и.п., профессори кафедраи алгебра ва назарияи ададҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

2. Давлатзода Р.Ҷ. – н.и.п., дотсенти кафедраи технологияҳои иттилоотии Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

3. Сатторов Д.Қ. – н.и.п., и.в. дотсенти кафедраи физикаи тиббӣ ва биологӣ бо асосҳои технологияи информатсионии Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибн Сино. Тақриз мусбат аст.

4. Фурқати С. – н.и.п., и.в. дотсенти кафедраи таъминоти барномавӣ ва Web- дизайни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295), интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи педагогика буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд:

– тасвири тавсифоти сифатии тарзи инноватсионии тафаккур, таҳияи методикаи маҷмӯии ошкорсозии сатҳҳои он дар давраҳои гуногуни ташаккули касбӣ-шахсиятии омӯзгорони оянда. Таҳияи низоми методикии назорату арзёбӣ ва ташхисӣ, ки он дар раванди ошкорсозӣ ва ташаккули тарзи тафаккури инноватсионии омӯзгори оянда нақши муайян мебозад.

– муайян кардани тарзи инноватсионии тафаккури донишҷӯён ва механизми ҷараёни сохтани амсилаи компютерии вазифаҳои байнифаннӣ оид ба математика ва информатика.

– дар асоси муносибати маҷмуӣ-модулӣ аз ҷиҳати назариявӣ таҳия намудани амсилаи низоми педагогӣ, ки сохтор, мундариҷа, асосноккунии илмӣ-методӣ ва таъмини технологии ташаккули тарзи инноватсионии тафаккури донишҷӯёнро дар раванди амсиласозии компютерии вазифаҳои байнифаннӣ ҳамгиро месозад.

– муайян намудани технологияи сохтани амсилаи компютерии вазифаҳои байнифаннӣ ва механизми аз худ кардани давра ба давраи донишҳо аз сӯйи донишҷӯён дар ҷараёни таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар асоси консепсияҳои пешқадами фалсафӣ ва психологӣ-педагогӣ дар бандҳои зерин ифода меёбанд:

– назарияи умумии тафаккур: Б.Г. Анаева, А.В. Бруноминский, А.А. Баталов, В.Н. Волков, А.В. Ерахтин, Э.В. Иленков, С.Ю. Сенко, В.Э. Тамарин ва дигарон.

– назарияи тафаккури касбӣ: О.А. Абдуллина, Е.Б. Бондаревская, И.А. Калсснікова, О.Б. Капичникова, М. Лутфуллозода, Қ.С. Абдураҳимзода, Х. Афзалов, Ф. Гулмадов ва дигарон.

– назарияи фаъолияти таълимӣ: Д.Н. Богаевленская, В.С. Билер, М.С. Бургин, В.С. Вериловский, Ю.А. Воронин, А.И. Бочкин, О.С. Маркович, М. Лутфуллозода, Қ.С. Абдураҳимзода, Х. Афзалов, Ф. Гулмадов, М. Иззатова, Ф. Шарифзода, Б. Маҷидова ва дигарон.

– назарияи таълимӣ эвристикӣ ва байнифаннӣ: В.А. Далингер, Е.Н. Кабанова-Меллер, В.Н. Келбакиани, П.Г. Кулагин, Н.А. Лошкарева, В.Н. Максимова, В.Н. Ретюнский, Г.Ф. Федорс, В.Н. Федорова, Н.М. Черкес-Заде, А.Э. Сатторов, М. Нугмонов, Т. Раҷабов, Б.Ф. Файзализода, А.П. Назаров ва дигарон.

– назарияи фаъолияти инноватсионии омӯзгорони муосир: И.В. Богуславский, В.И. Журавлёв, А.Т. Каспржак, Г.Р. Громов, С. Пейперт, Г. Клейман, Б. Сендов, Б. Хантер, Е.С. Полат, Е.И. Виштинетский, А.О. Кривошеев, Ф.С. Комилиён, Б.Ф. Файзализода, М.Р. Ёров, И.М. Саидзода, Ш.Х. Тағоев ва дигарон.

– назарияи иттилоот ва амсиласозӣ: Г.Г. Кравченко, Г.В. Алексеев, Л.В. Антропова, Ф.С. Комилиён, Б.Ф. Файзализода, М.Р. Ёров, И.М. Саидзода, А.П. Назаров, Ш.Х. Тағоев, С.Қ. Фурқат, Ш.Ю. Восидов, У.Т. Қурбонова, О.К. Ибрагимов, А.Қ. Саидов ва дигарон.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар нуктаҳои зерин таъмин гардидаанд:

– дар заминаи такя ба дастовардҳои илмии муосир дар соҳаи таълими фанҳои математика ва информатика ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии таълими фанҳои самти табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ; таҳлили истифодаи таҷрибаҳои дигар МТОК;

– мутобиқати методикаи таҳқиқот бо фанни таҳқиқшавандаи байнифаннӣ ва вазифаҳои гузошташуда; иштироки бевоситаи муаллиф дар иҷрои корҳои озмоишӣ-педагогӣ;

– мувофиқат ва муқоисаи натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот ба миён гузошта шудааст.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ бо асосноккунии илмии қоидаҳои ибтидоии назариявӣ, бо такрорёбии натиҷаҳои устувори озмоиши ташаккулдиҳанда, бо мувофиқати методҳои истифодашаванда ба мақсаду вазифаҳо, бо давомнокии гузаронидани кори озмоишӣ, бо тасвиби хулосаҳо дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав факултети информатика, «тахассус – омӯзгор», равияи 1-02 05 05 – Информатика-математика, 1-08 01 01 01-01 – Информатика, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ факултети физика математика «тахассус – омӯзгор», равияи 1-02 05 05 – Информатика, равияи 1-31 03 03-02 – Математикаи амалӣ (фаъолияти илмӣ-педагогӣ), бо иштироки бевоситаи муаллифи таҳқиқот бо ҷорисозии васеи натиҷаҳои таҳқиқот дар таҷрибаи кории МТОК самти омӯзгории вилояти Хатлон шаҳри Бохтар ва шаҳри Кӯлоб бо санҷиши вариантивии қоидаҳо ва хулосаҳо таъмин карда шудааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ аз санаи 7- уми ноябри соли 2026 оид ба сазовор донистани Ҳабибзода Шуҳрат Ҳабиб бо дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар докторони илм - мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар иштирокдоштагон дар ҷаласа, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор - 15 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ **Сатторов А.Э.**

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ **Раҳматуллоҳзода Ш.Р.**

«07» ___11___ 2026
Ҷ.М.